**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти, 12, www/ddtt.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод шудааст**

Мавзуи интихобгардидаи диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё бо самтҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат, хусусан дар соҳаҳои маориф, бозори меҳнат ва рушди иқтидори кадрӣ, мутобиқ буда, аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

Мутолиаи автореферат нишон медиҳад, ки дар диссертатсия рушди сармояи инсонӣ дар робитаи зич бо вазъи низоми маориф, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, тағйироти сохтории бозори меҳнат, инчунин равандҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ ва падидаи «фирори мағзҳо» баррасӣ мегардад.

Муаллиф нишон медиҳад, ки маҳдуд будани имкониятҳои бозори меҳнати дохилӣ ва номувофиқати сохтории байни низоми таҳсилоти олӣ ва талаботи воқеии бозори меҳнат ба тақвияти равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат менамояд. Дар чунин шароит, муҳоҷирати меҳнатӣ, аз як тараф, ҳамчун механизми мутобиқшавии иҷтимоии аҳолӣ ва манбаи даромад барои хонаводаҳо баромад мекунад, аммо аз тарафи дигар, боиси аз соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ хориҷ гардидани кадрҳои ҷавон ва соҳибтахассус мегардад, ки ин ба коҳиши иқтидори зеҳнӣ ва заиф шудани заминаҳои рушди инноватсионӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Муаллиф махсус таъкид менамояд, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ин раванд на танҳо вазифаи омода намудани мутахассисон, балки масъулияти

ташаккули тавонмандиҳои инноватсионӣ ва мутобиқсозии сифати таҳсилот ба талаботи иқтисоди муосирро низ бар дӯш доранд. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф масъалаи «фирори мағзҳо»-ро дар шакли таҳлили ҷудогона не, балки ҳамчун унсури таркибии механизми рушди сармояи инсонӣ баррасӣ менамояд.

Мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот дақиқ муайян гардида, сохтори автореферат мантиқӣ ва пайдарпай аст. Усулҳои тадқиқотӣ ба ҳадафҳои гузошташуда мутобиқ буда, хулосаҳо бо натиҷаҳои таҳлил мувофиқат мекунанд.

Дар Расми 2 – «Механизми ниҳодии ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ» (саҳ. 15) муаллиф рушди сармояи инсониро ҳамчун раванди мураккаб ва бисёрсатҳии институтсионалӣ нишон медиҳад. Дар расми мазкур равандҳои бозтавлид ва истифодаи сармояи инсонӣ дар робитаи зич бо фаъолияти ниҳодҳои калидӣ, аз ҷумла оила, низоми маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бозори меҳнат, сохторҳои давлатӣ ва муҳити муҳоҷирати меҳнатӣ инъикос ёфтаанд. Механизми пешниҳодшуда нақши давлатро ҳамчун ҳамоҳангсози асосии манфиатҳо ва сиёсати ниҳодҳои зикршуда таъкид намуда, зарурати ҳамгироии сиёсати маориф, сиёсати шуғл ва танзими муҳоҷирати меҳнатиро барои ташаккули сармояи инсонии дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ асоснок менамояд. Қимати илмии расми мазкур дар он ифода меёбад, ки он имкон медиҳад равандҳои рушди сармояи инсонӣ на дар шакли ҷудогона, балки ҳамчун низоми ягонаи таъсироти мутақобили институтсионалӣ таҳлил карда шаванд, ки барои фаҳмиши амиқи мушкилоти «фирори мағзҳо» ва роҳҳои коҳиши он аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Дар баробари ин, ҳамчун эроди ҷузъӣ метавон қайд намуд, ки дар автореферат имкониятҳои баҳогузории миқдории талафоти иқтисодии вобаста ба «фирори мағзҳо» ва самаранокии иқтисодии механизмҳои бозгардонидани кадрҳои соҳибтахассус метавонистанд муфассалтар инъикос гарданд. Инчунин, густариши таҳлили муқоисавӣ бо таҷрибаи кишварҳои

дорои сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ арзиши таҳқиқотро боз ҳам ғанӣ мегардонд. Бо вуҷуди ин, эродҳои зикршуда аҳамияти илмии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Умуман, диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё ба талаботи муқарраршудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта арзёбӣ мешавад ва муаллиф он - Одиназода Аслам Мадгиё - сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Тақризнавис:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**мудири шуъбаи Академияи хурди илмҳои Тоҷикистон**
**дар назди Раёсати АМИТ** **М.И. Садриддинов**

Имзои д.и.и., М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Акрамзода Толиб

Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рудакӣ, 33,
Тел.: +992(37) 221 50 83; +992(37) 221 71 00.
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: https://amit.tj/tj/.
Суроғаи электронии тақризнавис – sadrman_s@mail.ru.